Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбекова 1, URL: http:// www.hgu.tj

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурати аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани тамоми ҳайати омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба миён гузошта, ҳатмӣ будани истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, методҳои нави таълиму тарбия, донистану татбиқ кардани техникаи компютерӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро дар ҳар як фанну ихтисос тақозо менамояд. Роҳандозии муносибати босалоҳият дар таълим маънои роҷеъ ба маводи омӯзишӣ чиро хондан, чиро донистан ва чиро иҷро карда тавонистани донишҷӯро дорад. Вобаста ба талаботи мазкур донишҷӯ бояд тасаввурот ва иттилооти амиқ дошта бошад.

Зарурати татбиқ ва мубрамияти шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, ки «... вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян

ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имкон медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдатӣ барои як донишҷӯ то 2-3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад. Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки аз соли 2017 таҳсилоти фосилавиро дар донишгоҳу донишкадаҳо ба роҳ монда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои омӯзиши электрониро омода намояд».

Воқеан, мавқеи географии ҷойгиршавии Тоҷикистон, вазъи иҷтимоии аксар ҷавонони кишвар, ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои дигар ва ниҳоят таъсири пандемияи коронавирус COVID-19 дар панҷ соли охир ба таҳсил ва ҳаёти донишҷӯён дар тамоми ҷаҳон низ тақозо менамояд, ки дар системаи таҳсилоти олии касбии мамлакат низоми таҳсилоти фосилавӣ (формати онлайн) ҷорӣ карда шавад. Ба ин раванд рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки вусъатбахшандаи бозсозии муҳити иттилоотии кишвар мебошад, ба васеъшавии доираи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, ба ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки тайёркунии мутахассисони баландихтисоси донандаи технологияҳои гирдоварӣ ва коркарди миқдори зиёди иттилооти касбӣ ҳидоят менамояд ва талаботи ҷомеаро нисбат ба омӯзиши фосилавӣ (ОФ) боло мебарад, ки ҳамаи ин аз мубрам будани мавзӯи диссертатсионӣ дарак медиҳад.

*Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ* ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани сохтор ва талаботи таҳсилоти фосилавӣ, ошкор сохтани бартарии он дар ташаккули фаъолияти мақсадноки таълимгирандагон.

*Саҳми шахсии довталаб* дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот: дар пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

*Навгониҳои илмии тадқиқот:*

1. Таълими фосилавӣ яке аз шаклҳои инноватсионии таълим дар раванди ҷаҳонишавӣ буда, дар асоси истифодаи васеи технологияҳои

иттилоотии анъанавӣ ва нав ба роҳ монда шуда, робитаи омӯзгор ва донишҷӯро танзим мекунад.

2. Амсилаи консептуалии раванди таълим дар таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иттилоот, психология ва кибернетика маҳсуб меёбад.
3. Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён аз фанни математика дар таълими фосилавӣ дар донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон инҳоянд: доштани маҳорати худомӯзӣ; ҳосил намудани малакаи ҳалли масъалаҳои таълимии сатҳи гуногун; фаъол (субъективӣ) будан дар омӯзиш; сабр ва таҳаммул дар омӯзиш; худтанзимкунии фаъолияти таълимии хеш.
4. Амсилаи ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои риёзӣ-табиӣ дар таҳсилоти фосилавӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: ташаккули омодагии психологии донишҷӯён барои дарки маводи нав, пешниҳоди маълумоти нав ва фаҳмиши он аз ҷониби донишҷӯён, ташаккули малака оид ба ҳалли вазифаҳо, истифодаи донишҷӯён аз дониш ва малакаҳои ҳосилшуда дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ.

*Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти* ба даст омада дар таҳқиқи асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат менамояд. Диссертатсия мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ- риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши вусъатбахши онро ҳамчун омили боэътимод эътироф менамояд.

*Боби якуми диссертатсия* «Заминаҳои назариявӣ ва методии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ» унвон дошта, се зербобро дар бар мегирад.

*Дар зербоби 1.1.* «Самтҳои асосии сохтор, мундариҷа ва рушди таҳсилоти фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ» ном дошта, назария ва мавқеъҳои илмии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, махсусияи татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муҳиммии татбиқи он дар шароити муосир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта аст.

*Дар зербоби 1.2.* «Намудҳо ва шаклҳои таълими фосилавӣ дар шароити муосир» сухан дар бораи роҳу усулҳои татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон меравад. Пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба тамоми ҷабҳаҳои ҷомеа муосир боиси тағйироти назаррас рӯй додан дар низоми маорифи ҳамаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон гардид.

*Зербоби 1.3.* сухан дар бораи хусусиятҳои ташкили фаъолияти

таълимии донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавӣ меравад. Дар таҳсилоти фосилавӣ, курси таълимӣ дар асоси омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён сурат гирифта, аз ин рӯ, тамоми тартиби раванди таълим бояд ба роҳбарӣ ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бо маводи таълимӣ равона карда шуда, машғулиятҳои аудиторӣ танҳо вазифаи ёрирасонро иҷро менамоянд.

*Дар боби дуюм* «Амсиласозии раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ» дом дошта се зербобро дар бар мегирад.

*Бо воситаи зербоби 2.1.* «Вазъи кунунии мушкилоти такмили методикаи таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки мубрамияти таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дарк намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми аз 26. 12. 2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудааст: Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд.

*Дар зербоби 2.2.* «Технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар ҷараёни таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» сухан бештар дар бораи ташкили раванди таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ бо мавҷудияти барномаи электронии идоракунии раванди таълим меравад.

*Дар зербоби 2.3.* «Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ оид ба самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосир» бо мақсади тафтиши самаранокии амсилаи педагогии ҳамкорӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ қарор дода шуд, ки дар соли хониши 2018-2019 дар кафедраи математикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо мақсади дуруст татбиқ намудани таҳсилоти фосилавӣ озмоиши педагогӣ баргузор гардонида шуд.

Дар раванди ташкили мушоҳида ва озмоиш аз фанни математика дар таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯён ба ду гуруҳи ҳамвазн, аз 150 нафар ташкил дода шуданд.

Ба саволи аввал, ки чунин буд: «Таҳсилот дар ин низом барои Шумо беҳтар мебошад ё не?» Донишҷӯён дар ҳар шакл мувофиқи фаҳмишашон фикру мулоҳизаи хешро пешниҳод намуданд. Дар раванди саволномагузаронӣ маълум гардид, ки 42 нафар донишҷӯёни гурӯҳи

озмоишӣ ба ин шакли таълим 27,3% ва аз гӯрӯҳи назоратӣ 38 нафар донишҷӯ ширкат варзида, 26% тарафдории хешро иброз намуданд.

Саволи дуюм чунин буд: «Таъминот бо барномаҳои талимӣ дар муассиса Шуморо қонеъ менамояд?» Ба ин савол дар марҳилаи аввал донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 11 нафар ё 9,8% ва аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар ё 8,1% ҷавоби қаноатманд доданд. Лекин вакте соли 2019 ин саволро аз нав гузоштам донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 90 нафар 60 % ва гурӯҳи назоратӣ 70 нафар донишҷӯён ширкат варзиданд, ки ин 45%-ро ташкил медиҳад ва аз инкишоф гувоҳӣ медиҳад.

Дар бораи «Технологияи муосир ва захираҳои электронӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», аз гурӯҳи озмоишӣ 3 нафар ё 1,9%, аз гурӯҳи назоратӣ бошад, 12 нафар ё 7,4% андешаи хешро баён намуданд.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усулҳои таҳлили назариявии адабиёти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайёрӣ аз рӯи фанҳои математика. информатика таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғайра

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасогиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисолаи илмӣ намудҳои гуногуни низомҳои ташкили таҳсили фосилавӣ нишон дода шудааст, тавсиф гардидааст. Хуб мешуд агар дар ин самт низоми муккамал ва ё мушаххас барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон пешниҳод мегардид.
2. Хуб мебуд агар дар рисолаи илмӣ ҷиҳатҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари методӣ тавсиф мегардид боз арзиши амалии рисоларо беҳтар мегардонид.
3. Дар яке аз бандҳои навгониҳои илмии таҳқиқот чунин омадааст: «– моҳият ва сохтори мафҳуми «таълими фосилавӣ», таҳияи меъёр ва

нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он мушаххас гардонида шудаанд». Барои амалӣ намудани ин банд, дар раванди таълим кадом масъалаҳо бештар барои амалӣ гардидани он мусоидат менамояд.

4. Ба ақидаи унвонҷу то чи андоза таълими фосилавӣ бе истифодаи технологияи иттилоотӣ ва салоҳияти методии устод ба беҳтар гардидани раванди дарс мусоидат менамояд? Аммо саҳеҳияти он то чӣ андоза аст таҳлилу баррасӣ нашудааст.
5. Дар автореферати диссертатсия оғози боби дуюм бояд бо зербоби 2.1., 2.2., 2.3. оғоз гардад аммо дар кори мазкур зербоби чорум, панҷум, шашум дарҷ нашудааст ин боиси нигаронкунанда аст, ба Дастурамали батанзимдарории автореферат ва диссертатсия.
6. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқикотӣ ба меъёрҳоизабони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлои, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**. Натиҷаҳои илмии тадкиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои тадкиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълими информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методӣ дар шароити муосири ҷараёни таълим дар мактаби олӣ, шароитҳои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим дар МТОК бахшида шудааст таъсири самаранок мерасонад.

Натиҷаҳои илмии тадкиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи илми педагогикаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён-мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ мебошанд ва дар рушди илми педагогика ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуқтаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи

илмии ташхиси компютерӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ) ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори
кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти
иттилоотии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ф. Файзализода

Суроға: 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
АИДНПҶТ, Тел: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22.
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ш.Б. Ҳамидов